*Маркази матбуоти Кӯшунхои сархадии КДАМ ЧТ хабар медихад, ки соати 18:00-и рӯзи 4-уми июли соли 2021, гурӯхи мусаллахи харакати «Толибон» вулусволии Хохони вилояти Бадахшони Чумхурии Исломии Афгонистонро бидуни амалиёти чангӣ ишгол намуданд.*

94 нафар низомиёни Куввахои мусаллахи Чумхурии Исломии Афгонистон акибнишинӣ карда, бо максади начот додани чони худ, дар минтакаи «Шохон»-и Отряди сархадии «Ш.Шохин» марзи давлатиро гузаштанд ва вориди хоки Чумхурии Точикистон гаштанд.

Сархадбонони точик бо зохир кардани хусни башардӯстӣ ва муносибати неки хамсоядорӣ ба низомиёни нерухои давлатии Афгонистон ичозат доданд, ки ба каламрави Точикистон дохил шаванд.
Бо назардошти вазъи мураккаби минтакаи зикргардидаи сархади давлатӣ эхтимолияти идома ёфтани убури низомиёни ЧИА ба худуди Точикистон чой дорад.

Айни хол вазъият дар марзи давлатии Точикистону Афгонистон тахти назорати пурраи сархадбонони точик карор дорад.